«Мувофиқа шудааст»
Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
____________С.Наҷмиддинов
аз «6» феврали соли 2013
№3-12а/12

Бо фармоиши
Раиси Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «1» феврали соли 2013
№4-ф
тасдиқ шудааст

**Тартиби**
**Барӯйхатгирии (инвентаризатсияи) молу мулки андозсупоранда (агенти андоз ба истиснои биноҳои истиқоматӣ) ҳангоми гузаронидани санҷиши андоз**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби мазкур мувофиқи қисми 1 моддаи 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тартиби баруйхатгирии (инвентаризатсияи) молу мулки андозсупорандаро (агенти андоз ба истиснои биноҳои истиқоматӣ) ҳангоми гузаронидани санҷиши андоз муқаррар менамояд.

2. Мақсадҳои асосии баруйхатгирии (инвентаризатсияи) молу мулки андозсупоранда (агенти андоз ба истиснои биноҳои истиқоматӣ) ҳангоми гузаронидани санҷиши андоз (минбаъд-барӯйхатгирӣ), ин ошкор намудани мавҷудияти воқеии молу мулк ва объектҳои ба ҳисоб гирифта нашуда, ки бояд мавриди андозбандӣ қарор дода шаванд, муқоиса намудани молу мулки воқеан мавҷуд буда бо маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин санҷиши пурра инъикос гардидани иҷрои ӯҳдадориҳо мебошад.

3. Ба номгӯи молу мулки барӯйхатгирифташаванда, метавонад ҳама гуна молу мулки андозсупоранда, новобаста аз маҳали ҷойгиршавии он, дохил карда шавад. Барӯйхатгирии молу мулки андозсупоранда дар маҳали ҷойгиршавии он сурат мегирад. Ба ғайри воситаҳои худӣ, бо барӯйхатгирӣ инчунин арзишҳое, ки ба шахсони дигар тааллуқ доранду барои нигоҳдорӣ ва ё истифодаи муваққатӣ дода шудаанд, фаро гирифта мешаванд.

## 2. ҚОИДАҲОИ УМУМИИ ГУЗАРОНИДАНИ БАРӮЙХАТГИРӢ

4. Асос барои гузаронидани баруйхатгирӣ амрнома мебошад, ки аз ҷониби роҳбарӣ мақомоти андоз дода мешавад (Замимаи 1).

5. Номгӯи молу мулке, ки мавриди баруйхатгирӣ қарор дода мешаванд, аз ҷониби санҷишгар муқаррар карда мешавад.

6. Санҷишгар то оғози баруйхатгирӣ оиди воқеан мавҷуд будани молу мулк ҳуҷҷатҳои даромад ва хароҷоти охирин ё ҳисобот дар бораи ҳаракати воситаҳои пулиро дар лахзаи охирини пеш аз гузаронидани баруйхатгирӣ гирифта, дар китоби бақайдгирии субъектҳои санҷиши хоҷагидории андозсупоранда имзо мегузорад.

7. Андозсупоранда то оғози барӯйхатгирӣ маълумоти хаттиро оид ба ҳуҷҷатҳои хароҷот ва даромад, молу мулки ба муҳосибот супоридашуда, ки дар рӯйхати муҳосибавӣ инъикос ёфтааст ва ё ба санҷишгар дода шудааст, медиҳад. Ин гунна маълумотро инчунин шахсоне медиҳанд, ки барои дастрас намудани молу мулк ваколат доранд.

8. Барӯйхатгирӣ дар мӯҳлатҳои дар амрнома муқаррар гардида вобаста ба фаъолияти кории андозсупоранда гузаронида мешавад.

9. Санад оид ба гузаронидани барӯйхатгирии молу мулк дар ду нусха тартиб дода мешавад (Замимаи 2).

10. Санҷишгар дурустӣ ва пурагии маълумотҳо дар хусуси бақияи воситаҳои асосӣ, захираҳо, молҳо, маблағҳои пулӣ ва дигар молу мулк, инчунин дуруст ва сари вақт ба расмият даровардани маводҳои барӯйхатгириро дар санад таъмин менамояд.

11. Воқеан мавҷуд будани амвол ҳангоми барӯйхатгирӣ бо роҳи ҳисоб намудан, баркашидан, чен кардан муайян карда мешавад. Андозсупоранда барои пурра ва аниқ санҷидани амволи мавҷудаи воқеиро дар мӯҳлати муқаррар шуда шароит муҳайё месозад (бо қувваи кори барои аз нав баркашидан ва аз як ҷо ба ҷои дигар бурдани борҳо, бо тарозуҳои аз ҷиҳати техникӣ дуруст, асбобҳои ченкунӣ ва назоратӣ, зарфҳои ченкунӣ таъмин намояд).

12. Молу маҳсулотҳое, ки дар банду бастҳои зарарнадидаи таҳвилкунанда нигоҳ дошта мешаванд, миқдор, вазн ва арзишашон метавонад дар асоси ҳуҷҷатҳои ба молу маҳсулоти таҳвилгардида тааллуқ дошта муайян карда шавад.

13. Рӯихати молу мулки барӯйхатгирфташуда метавонад бо истифода аз воситаҳои ҳисоббарорӣ ва дигар таҷҳизоти коргузории техникӣ, инчунин бо тарзи дастӣ пур карда шаванд.

14. Объектҳо ва миқдори онҳо дар рӯйхат аз рӯи номгӯй ва бо воҳиди ченаки дар барӯйхатгирӣ қабулгардида зикр карда мешаванд. Дар ҳар саҳифаи рӯйхат шумораи тартибии молу мулк, дар алоҳидагӣ, миқдор дар нишондиҳандаҳои аслии дар ин саҳифа сабтшуда, новобаста аз он ки дар кадом воҳидҳои ченак (дона, килограмм, литр, метр ва ғ.) ин арзишаш нишон дода шудааст, бо ҳарфҳо зикр карда мешаванд. Дар ҳолатҳои хато сабт намудани ягон маълумот дар санади барӯйхатгирӣ, ислоҳотҳои воридкардашуда дар эзоҳ нишон дода шуда, санҷишгар ва андозсупоранда имзо мегузоранд.

15. Дар рӯйхат холӣ гузоштани сатрҳои пур карданашуда роҳ дода намешаванд ва саҳифаҳои охири сатрҳои пур карданашуда хат зада мешаванд.

16. Дар санад оид ба гузаронидани барӯйхатгирӣ санҷишгар ва андозсупоранда имзо гузошта, оид ба надоштани арзу шикоят ба амали санҷишгар аз ҷониби андозсупоранда қайди махсус гузошта мешавад.

17. Агар барӯйхатгирии молу мулк дар муддати як чанд рӯз сурат гирад, дар он ҳолат биное, ки дар он арзишоти моддӣ нигоҳ дошта мешаванд, ҳангоми аз он рафтани кормандони мақомоти андоз, ки барои гузаронидани барӯйхатгирӣ ваколатдор шудаанд, мӯҳргузорӣ карда мешавад.

18. Барӯйхатгирии вобаста намудҳои молу мулк, сармоя ва дороиҳо ба намудҳои зерин ҷудомешавад:

-барӯйхатгирии воситаҳои асосӣ;

-барӯйхатгирии дороиҳои ғайримоддӣ;

-барӯйхатгирии маблағгузориҳои молиявӣ;

-барӯйхатгирии арзишоти молию моддӣ;

-барӯйхатгирии истеҳсолоти анҷом наёфта ва хароҷоти давраҳои оянда;

-барӯйхатгирии чорво ва ҷавонаҳо;

-барӯйхатгирии маблағҳои пулӣ, ҳуҷҷатҳои пулӣ, бланкаҳо ва ҳуҷҷатҳои ҳисоботашон қатъӣ;

-барӯйхатгирии ҳисобу китобҳо

## 3. ҚОИДАҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ БАРӮЙХАТГИРИИ ВОСИТАҲОИ АСОСӢ

19. То оғози барӯйхатгирӣ муайян карда мешавад:

-мавҷуд будан ва ҳолати варақаҳои инвентарӣ, китобҳои инвентарӣ, руйхатхо ва дигар регистрхои баҳисобгирии аналитикӣ;

-мавҷуд будан ва ҳолати шиносномаҳои техники ё дигар ҳуҷҷатҳои техникӣ;

-мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои воситаҳои асосие, ки аз ҷониби андозсупоранда ба иҷора ва барои нигоҳдорӣ супорида ё қабул карда шудааст. Дар сурати мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳо, гирифтан ё таҳия сохтани онҳоро таъмин кардан зарур аст.

Ҳангоми ошкор намудани тафовут дар рӯихатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ё ҳуҷҷатҳои техникӣ, бояд ислоҳот ва саҳеҳият дохил карда мешаванд.

20. Дар мавриди барӯйхатгирии воситаҳои асосӣ санҷишгар объектҳоро аз назар гузаронида дар рӯйхат номи пурраи онҳо, таъинот, рақамҳои барӯихатгирӣ ва нишондодҳои асосии техникӣ ё истифодабарориро сабт менамояд.(Замимаи 3)

21. Дар рафти барӯйхатгирии биноҳо, иншоотҳо ва дигар молу мулки ғайриманқул, санҷишгар мавҷуд будани ҳуҷҷатҳоеро, ки таҳти моликияти

андозсупоранда қарор доштани объектро тасдиқ мекунанд, месанҷад. Инчунин мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои ба қитъаҳои замин, обанборҳо ва дигар объектҳои захираҳои табиӣ, ки таҳти моликияти андозсупоранда қарор доранд, санҷида мешаванд.

22. Дар мавриди ошкор намудани объектҳои ба ҳисоб гирифта нашуда, инчунин объектҳое, ки аз рӯи онҳо рӯйхати баҳисобгирии муҳосибӣ мавҷуд нест ё маълумотҳои онҳоро шарҳдиҳанда нодуруст зикр карда шудаанд, санҷишгар бояд маълумотҳои дуруст ва нишондиҳандаҳои техникиро тибқи ин объектҳо ба рӯйхат ҳамроҳ намояд.

23. Баҳодиҳӣ ба объектҳои ба ҳисоб гирифтанашудаи дар ҷараёни барӯйхатгирӣ ошкор гардида аз ҷониби коршиносон (экспертхо) анҷом дода мешавад.

24. Воситаҳои асосӣ ба рӯихат тибқи номҳояшон мутобиқи таъиноти асосии объект дохил карда мешаванд. Агар объект таҳти барқароркунӣ, аз навсозӣ, васеъкунӣ ё аз нав муҷаҳҳаз гардонӣ қарор ёфта, дар натиҷаи он таъиноти асосии он тағйир ёфта бошад, дар ин ҳолат дар рӯихат таҳти номҳои ба таъиноти нави марбута дохил мешаванд.

25. Агар санҷишгар муайян намояд, ки корҳои хусусияти таъмири асосӣ дошта (сохтмони ошёна, сохтани биноҳои нав ва ғайра) ё қисман барҳам додани сохтмонҳо ва иншоотҳо (шикастани ҷузъҳои конструксияҳои алоҳида) дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос наёфта бошад, тибқи ҳуҷҷатҳои марбута маблағи зиёдшавӣ ё кам шудани арзиши тавозунии объектро муайян кардан зарур мебошад ва ба рӯихати маълумотҳо дар бораи тағйиротҳои даровардашуда дарҷ карда мешавад. Барои ин мақсадҳо коршиносон (эксперт) ҷалб карда мешаванд.

26. Воситаҳои нақлиёт ба рӯйхат дар алохидагӣ, бо нишон додани маълумотҳое, ки дар шиносномаи техникии корхонаи истеҳсолкунанда (соли барориш, таъинот, иқтидор ва ғайра) дарҷ гардидааст, дохил карда мешаванд.

27. Ашёҳои якхелаи асбобу анҷоми хоҷагӣ, асбобҳо, дастгоҳҳо ва дигар ашёи арзишашон якхела, дар як вақт ба яке аз воҳидҳои сохтории андозсупоранда ворид гардида ва дар варақаи барӯихатгирии намунавии баҳисобгирии гурӯҳӣ ба ҳисоб гирифташаванда ба рӯихат бо зикр намудани шумораи ин ашёҳо оварда мешавад.

## 4. БАРӮЙХАТГИРИИ ДОРОИҲОИ ҒАЙРИАСОСӢ

28. Дар рафти барӯйхатгирии дороиҳои ғайримоддӣ санҷидан зарур аст:

-мавҷуд будани ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқӣ андозсупорандаро ба истифодаи онҳо тасдиқ менамояд;

-дуруст ва сари вақт инъикос ёфтани дороиҳои ғайримоддӣ дар тавозун.

## 5. БАРӮЙХАТГИРИИ МАБЛАҒГУЗОРИҲОИ МОЛИЯВӢ

29. Дар рафти барӯйхатгирии маблағгузориҳои молиявӣ хароҷоти ҳақиқӣ барои қоғазҳои қиматнок ва оинномавии дигар корхонаҳо, инчунин ба дигар ашхос додани қарз санҷида мешавад.

30. Дар мавриди санҷиши қоғазҳои қиматноки воқеии мавҷуда муқаррар карда мешавад:

-дуруст ба расмият даровардани қоғазҳои қиматнок;

-нархи ҳақиқии қоғазҳои қиматнок дар ҳисобот ва мизон;

-ҳифзи қоғазҳои қиматнок (бо роҳи муқоисаи воқеан мавҷуд будан бо маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ);

-инъикоси сари вақт ва пурраи даромадҳо аз рӯи қоғазҳои қиматнок дар баҳисобгирии муҳосибӣ.

31. Дар мавриди дар корхона нигоҳдории қоғазҳои қиматнок барӯйхатгирии онҳо дар як вақт бо барӯйхатгирии маблағҳои пулӣ дар хазина гузаронида мешавад.

32. Барӯйхатгирии қоғазҳои қиматнок аз рӯи ҳуҷҷатҳои алоҳида бо зикр намудани ном, силсила, рақам, арзиши номӣ ва воқеӣ, мӯҳлатҳои пардохт ва маблаға умумӣ дар санад гузаронида мешавад.

33. Ба таври мушаххас ҳар қоғази қиматнок бо маълумотҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои муҳосиботии андозсупоранда нигоҳ дошта шудаанд, муқоиса карда мешавад.

34. Барӯйхатгирии қоғазҳои қиматнок, ки барои нигоҳдорӣ ба ташкилотҳои бонкӣ ва кредитӣ супорида шудаанд, бо маблағҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои муҳосиботии андозсупоранда мавҷуд буда ва бо маълумотҳои аз ин ташкилотҳо гирифташуда шуда муқоиса карда мешавад.

35. Маблағгузориҳои молиявӣ ба сармояҳои оинномавии дигар корхонаҳо, инчунин қарзҳое, ки ба дигар ашхос пешниҳод шудааст, ҳангоми барӯйхатгирӣ бояд бо ҳуҷҷатҳо тасдиқ карда шаванд.

## 6. БАРӮЙХАТГИРИИ АРЗИ АРЗИШҲОИ МОЛИЮ МОДДӢ

36. Арзишоти молию моддӣ (захираҳои истеҳсолӣ, маҳсулоти тайёр, молҳо, дигар захираҳо) ба рӯихат аз рӯи ҳар номгӯи алоҳида бо зикр намудани намуд, гурӯҳ, миқдор ва дигар маълумотҳои зарурӣ (банд, навъ ва ғайра) дохил карда мешавад.(Замимаи 4)

37. Барӯйхатгирии арзишҳои молию моддӣ бояд маъмулан мутобиқи тартиби ҷойгиршавии арзишҳо дар ин бино гузаронида шаванд.

38. Дар мавриди нигоҳ доштани маводҳои молию моддӣ дар биноҳои гуногун, ҷудонигоҳдории маводҳо, барӯихатгирӣ пай дар пай дар ҷойҳои нигоҳдорӣ дар ҳузури андозсупоранда гузаронида мешавад.

39. Санҷишгар дар иштироки андозсупоранда воқеан мавҷуд будани арзизҳои молию моддиро бо роҳи ба таври ҳатмӣ аз нав ҳисоб кардан, аз нав баркашидан ва аз нав чен кардани онҳоро месанҷанд.

40. Ба рӯйхат дохил намудани маълумотҳо оид ба бақияи молу мулк, аз рӯи гуфтаи андозсупоранда маълумотҳои баҳисобгирӣ бидуни санҷиши воқеан мавҷуд будани онҳо роҳ дода намешавад.

41. Арзишҳои молию моддие, ки дар вақти гузаронидани барӯйхатгирӣ ворид мешавад, аз ҷониби андозсупоранда дар ҳузури санҷишгар, ки барӯйхатгириро мегузаронад қабул карда мешавад, тибқи руйхати алоҳида «Арзишҳои молию моддии дар вақти барӯйхатгирӣ воридшуда» (Замимаи 5) пас аз гузаронидани барӯйхатгирӣ даромад карда мешаванд. Дар рӯйхат санаи воридот, номи таҳвилгар, сана ва рақами ҳуҷҷатии даромад, номи мол, миқдор, нарх ва маблағ зикр карда мешавад.

42. Дар мавриди муддати дароз гузаронидани барӯйхатгирӣ ба таври истисно ва танҳо бо иҷозати хаттии санҷишгар дар ҷараёни барӯйхатгирӣ молу ашёҳои молию моддӣ метавонад аз ҷониби андозсупоранда, дар хузури санҷишгар бароварда шаванд. Рӯйхат ба мисли ҳуҷҷатҳои барои молию моддии дар вақти барӯйхатгирӣ воридгардида ба расмият даровaрда мешавад.

43. Барӯйхатгирии арзишҳои молию моддии, дар роҳ қарор дошта, бор кардашуда, аз ҷониби харидорон сари вақт пардохт нашуда, дар анборҳои дигар ташкилот қарор дошта, ба санҷиш асоснокии маблағҳои мавҷуда дар ҳисоботҳои баҳисобгирии муҳосибии марбута дохил карда мешавад. Пешакӣ бояд ин ҳисобҳо бо дигар ҳисобҳои алоқаманд муқоиса карда шаванд.

44. Рӯихати барӯйхатгирии арзишҳои молию моддии дар роҳ буда, равон кардашуда, бор кардашуда, ки аз ҷониби харидорон маблағ пардохт нашудааст дар вақти дар анбори шахсони бегона қарордошта дар алоҳидагӣ тартиб дода мешавад (Замимаи 6)

45. Дар рӯихати арзишҳои молию моддии дар роҳ буда, аз рӯи ҳар як равонкунӣ алоҳида маълумотҳои зерин оварда мешаванд: ном, миқдор, арзиш, санаи равонкунӣ, инчунин номгӯй ва рақами ҳуҷҷатҳое, ки дар асоси онҳо ин маҳсулот дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба ҳисоб гирифта шудаанд.

46. Дар рӯихати барӯйхатгирии ашёҳои молию моддии равон кардашуда (Замимаи 7)ва аз ҷониби харидорон мӯҳлати муайян пардохт нашуда, аз рӯи ҳар равонкунӣ алоҳида номи харидор, номи арзишҳои молию моддӣ, маблағ, санаи равон кардан, санаи сабт ва рақами ҳуҷҷатии ҳисобу китоб оварда мешавад.

47. Ашёҳои молию моддие, ки дар анборҳои шахсони дигар нигоҳ дошта мешавад, ба рӯихат дар асоси ҳуҷҷатҳои супоридани ин ашёҳоро тасдиққунанда гузаронида мешавад. Дар рӯихати барӯйхатгирии ин ашёҳо номи онҳо, миқдор, навъ, арзиш (тибқи маълумотҳои баҳисобгирӣ) санаи қабули бор барои нигоҳдорӣ, ҷои нигоҳдорӣ, рақам ва санаи ҳуҷҷат зикр мешавад. (Замимаи 8)

48. Дар рӯйхати арзишҳои молию моддӣ, ки барои аз нав кор кардан ба дигар шахс дода шудааст, номи шахси аз нав коркунанда, номи ашёҳо,

миқдор, арзиши воқеи аз рӯи маълумотҳои баҳисобгирӣ, санаи додан, коркарди арзишот, рақам ва санаи ҳуҷҷат зикр карда мешавад.

49. Ашёҳои камарзиш ва зуд фарсудашаванда, ки мавриди истифода қарор доранд, дар ҷойҳои воқеяти онҳо, аз ҷониби шахсе, ки ин ашёҳо таҳти нигоҳдории ӯ қарор дорад, ба рӯихат замима карда мешаванд.

50. Барӯйхатгирӣ ба роҳи аз назаргузаронии ҳар ашё гузаронида мешавад. Дар рӯихат ашёҳои камарзиш ва зуд фарсудашаванда тибқи номҳояшон, гузаронида мешавад.

51. Дар мавриди барӯйхатгирии ашёҳои камарзиш ва зуд фарсудашаванда, ки барои истифодаи инфиродӣ ба кормандон дода шудааст, тартиб додани рӯихати барӯйхатгирии гурӯҳӣ, дар онҳо зикр намудани шахсони ба ин ашёҳо ҷавобгар, ки ба онҳо варақаҳои шахсӣ кушода шудааст, роҳ дода мешавад.

52. Сару либоси махсус ва дастархону сачоқҳои ошхона, ки барои пухтан ва таъмир равон карда шудаанд, бояд дар рӯйхат дар асоси варақаҳои борхат ва расидҳои (квитансияҳои) корхонае, ки ин хизматрасониро амалӣ менамояд сабт карда шавад.

53. Борҷомаҳо ба рӯихат тибқи намудҳо ва таъиноти мақсаднок гузаронида мешавад.

## 7. БАРӮЙХАТГИРИИ ИСТЕҲСОЛОТИ НОТАМОМ ВА ХАРОҶОТҲОИ ДАВРАИ ОЯНДА

54. Дар мавриди барӯйхатгирии истеҳсолоти нотамоми андозсупорандагоне, ки ба истеҳсолоти саноатӣ машғуланд муайян карда мешавад:

- воқеан мавҷуд будани захираҳо (қисмҳо, деталҳо, агрегатҳо), маснуоти тайёр карда ва васлкунии он анҷом наёфта, ки дар истеҳсолот қарор доранд;
- воқеан пурра будани истеҳсолоти анҷом наёфта (захираҳо);
- ошкор намудани бақияи истеҳсолоти нотамом аз рӯи фармоишҳои бекор кардашуда, инчунин аз рӯи фармоишҳое, ки иҷрои онҳо қатъ гардонда шудааст.

Вобаста аз хусусияти истеҳсолот пеш аз оғози барӯйхатгирии ҳамаи маводҳои ба баст нолозим, қисмҳои харидашуда ва маҳсулоти нотайёр, инчунин ҳамаи қисмҳо, ҷузъҳо ва агрегатҳо, ки коркарди онҳо дар айни замон анҷом наёфтааст бояд аз ҷониби андозпоранда ба анбор супорида шаванд.

55. Санҷиши захираҳои истеҳсолии анҷомнаёфта (қисмҳо, чузҳо, агрегатҳо) бо роҳи воқеан ҳисоб кардан, баркашидан, чен кардан сурат мегирад.

56. Рӯйхати барӯйхатгирии таъмири анҷомнаёфтаи воситаҳои асосӣ (Замимаи9) аз рӯи ҳар як воҳиди сохтории махсус (баст, участок, шӯъба) бо зикр намудани номи захираҳо, давра ва дараҷаи омодагии онҳо, миқдор ё ҳаҷми корҳо, аз рӯи корҳои сохтмонию васлкунӣ бошад, бо зикр намудани

ҳаҷми корҳо: тибқи объектҳои анҷомнаёфта, навбати онҳо, аломатҳои конструктивӣ ва намуди корҳо, ҳисобу китобҳое, ки аз рӯи онҳо пас аз пурра ва қатъиян анҷом ёфтани онҳо амалӣ мегардад, таҳия мешавад.

Қисмҳои нуқсондор (забракованные) дар рӯихати истеҳсолоти нотамом ҳамроҳ карда нашуда ва аз рӯи онҳо бошад, рӯихати алоҳида тартиб дода мешавад.

Аз рӯи истеҳсоли нотамом, ки дар он ҳаҷм ё омехтаи ашёи хоми якхела ифода наёфтааст (вобаста ба соҳаҳои саноат) дар рӯихат, инчунин дар варақаи муҳосибавӣ ду нишондиҳандаи миқдорӣ оварда мешавад: миқдори ин ҳаҷм ё омехта ва миқдори ашёи хом ё маводҳое, ки ба таркиби он дохил мешавад (аз рӯи номгӯи алоҳида).Миқдори ашёи хом ё маводҳо, аз рӯи ҳисобу китоби техникӣ муайян карда мешаванд. Дар ҳолатҳои зарурӣ коршиносон (экспертҳо) ҷалб карда мешаванд.

Доир ба сохтмони асосии нотамом дар рӯихат номи объект ва ҳаҷми корҳои иҷрогардида дар ин объект, аз рӯи ҳар намуди кори алоҳида, аломатҳои конструктивӣ, таҷҳизот зикр карда шуда, ҳамзамон санҷида мешавад:

-оё дар таркиби сохтмони асосии нотамом таҷҳизоте, ки барои васлкунӣ дода шудааст, аммо воқеан васлкунӣ оғоз наёфтааст, дохил мешавад;

-вазъи объектҳои сохтмонии хобондашуда ва муваққатан қатъ гардида, аз ҷумла ошкор намудани сабабҳо ва асосҳо барои хобонидани онҳо зарур мебошад.

Объектҳои сохтмони воқеан пурра ё қисман мавриди истифода қарор додани онҳо бо ҳуҷҷатҳои лозимӣ ба расмият даровардa нашуда санҷида мешавад.

Ба объектҳои сохтмонии қатъгардида, инчунин ба корҳои лоиҳавию ҷустуҷӯӣ доир ба сохтмони амалӣ нагардида рӯихат тартиб дода шуда, дар он доир ба хусусияти корҳои иҷрогардида ва арзиши онҳо маълумотҳо оварда мешавад. Барои ин бояд ҳуҷҷатҳои техникии марбута (нақшаҳо, смета, харҷномахо, ҳисобу китобҳои сметавию молиявӣ), санади супоридани корҳо, давраҳо, китоби баҳисобгирии корҳои иҷрогардида дар объектҳои сохтмонӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо мавриди истифода қарор дода шавад.

57. Санҷишгар ҳангоми барӯйхатгирӣ аз рӯи ҳуҷҷатҳо маблағеро, ки бояд дар ҳисобҳои хароҷоти давраҳои оянда инъикос ёбанд ва ба хароҷоти истеҳсолот дохил карда шуда, гардиш дода мешаванд дар давоми мӯҳлати муайян, мутобиқи ҳисобу китоб ва тартиби баҳисобгирии таҳиянамудаи андозсупоранда муқаррар менамояд ва руйхати алоҳида тартиб медиҳад. (Замимаи 10)

## 8. БАРӮЙХАТГИРИИ ЧОРВО ВА ҶАВОНАҲО

58. Чорвои калон ва корӣ ба рӯйхат дохил карда шуда, дар он зикр карда мешавад: рақами чорво (тавро, бирка) лақаби чорво, соли таваллуд, насл, вазни чорво (бидуни асп, шутур, хачир, гавазн, ки аз рӯи онҳо вазн

зикр карда намешавад) ва арзиши аввалия. Насл дар асоси маълумотҳои баҳодиҳии ҳайвонот зикр карда мешаванд.

Чорвои калони шохдор, чорвои корӣ, хукҳо (мода ва нар) ва махсусан навъҳои гӯсфанди пурқимат ва дигар ҳайвонот (наслӣ) ба рӯихат дар алоҳидагӣ ворид карда мешаванд.

Чорвои дигари рамаи асосӣ, ки бо тартиби гурӯҳӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, ба рӯихат аз рӯи сину сол ва гурӯҳҳои ҷинсӣ бо зикр намудани нигоҳдори саршумор ва вазн дар ҳар гурӯҳ дохил карда мешаванд.

Ҷавонаҳои калони шохдор, аспҳои наслдеҳ ва чорвои корӣ ба рӯихат ба таври инфиродӣ бо зикр намудани рақами инвентарӣ лақаб, ҷинс, ранг ва ғайра дохил карда мешаванд.

59. Чорвои парваришёбанда, ҷавонаҳои хук, гӯсфанд, буз, парранда ва дигар намудҳои чорво, ки бо тартиби гурӯҳӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, ба рӯйхат, бо зикр намудани миқдори саршумор ва вазн дар ҳар гурӯҳ дохил карда мешаванд.

60. Рӯихат аз рӯи намудҳои чорво ба таври алоҳида аз рӯи фермаҳо, бахшҳо, шӯъбаҳо, бригадаҳо дар қисмати гурӯҳҳои баҳисобгирӣ тартиб дода мешавад. (Замимаи 11)

## 9. БАРӮЙХАТГИРИИ МАБЛАҒҲОИ ПУЛӢ ВА ВАРАҚАҲОИ ҲИСОБОТАШОН ҚАТЪӢ

61. Дар мавриди барӯйхатгирии маблағҳои пулии нақд ва варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ дар хазина пулҳои нақд, қоғазҳои қиматнок ва дигар ҳуҷҷатҳои пулӣ (маркаҳои почта, маркаҳои боҷи давлатӣ, роҳхатҳо бо хонаҳои истироҳатӣ ва санаторияҳо, векселҳо, чиптаҳои ҳавопаймоӣ ва ғайра) ба ҳисоб гирифта мешавад.

62. Санҷиши воқеан мавҷуд будани варақаҳои қоғазҳои қиматнок ва дигар варақаҳои ҳуҷҷатҳои ҳисоботаш қатъӣ аз рӯи намудҳои варақаҳо (аз рӯи саҳмияҳо: номӣ  ва ба пешниҳодкунанда, имтиёзнок ва оддӣ), бо назардошти рақамҳои аввалин ва охирини ин ё он варақа, инчунин аз рӯи ҳар як ҷои нигоҳдорӣ ва шахсони масъули ҷавобгар сурат мегирад. Варақаҳои қоғазҳои қиматнок ва дигар варақаҳои ҳуҷҷатҳои ҳисоботаш қатъӣ дар руйхати алоҳида қайд карда мешавад. (Замима 12)

63. Барӯйхатгирии маблағҳои пулии дар роҳ қарор дошта, бо роҳи муқоисаи маблағҳои дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ арзёбишуда ба маълумотҳои хаттии муассисаи бонк, шӯъбаи почта, нусхаи варақаҳои (ведомости) муқоисавӣ барои аз ҷониби инкассаторон супоридани даромад ба бонк ва ғайра сурат мегирад.

64. Барӯйхатгирии  маблағҳои пулие, ки дар бонкҳо дар суратҳисобҳои (ҷорӣ) асъорӣ ва махсус қарор доранд, бо роҳи муқоисаи бақияи маблағҳо дар ҳисобҳои дахлдор мавҷуда аз рӯи маълумотҳои муҳосиботи андозсупоранда ба маълумотҳои нусхаҳои бонкҳо сурат гирифта санад тартиб дода мешавад. (Замимаи 13)

## 10. БАРӮЙХАТГИРИИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲО

65. Барӯйхатгирии ҳисоббаробаркуниҳо дар бонкҳо ва дигар муассисаҳои кредитӣ, ҳисоббаробаркунӣ ба буҷет, таҳвилкунандагон, депонентҳо, дигар дебиторон ва кредиторон дар санҷиши асоснокии маблағҳои дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мавҷуда ҳамроҳ карда шуда санад тартиб дода мешавад (Замимаи 14)

66. Ҳисоббаробаркуни ба таҳвилкунандагон ва харидорон аз рӯи молҳои пардохтшуда, аммо дар роҳ қарордошта ва ҳисобу китобҳо бо таҳвилкунандагон аз рӯи таҳвилҳои рӯихатнашуда мавриди санҷиш қарор дода мешавад. Ин ҳисоб аз рӯи ҳуҷҷатҳои мувофиқасозӣ бо ҳисобҳои корреспондентии алоқаманд санҷида мешаванд.

67. Аз рӯи қарзҳои кормандони корхона маблағҳои пардохтнашуда аз рӯи музди меҳнат, ки бояд ба ҳисоби депонентҳо гузаронида шаванд, инчунин маблағҳо ва сабабҳои ба миён омадани ба кормандон барзиёд пардохт намудани музди меҳнат ошкор карда мешавад.

68. Дар мавриди барӯйхатгирии маблағҳои мавриди ҳисобот қарор дошта, маълумоти хаттии шахсони ҳисоботдеҳ аз рӯи пешпардохтҳои додашуда бо назардошти истифодаи мақсадноки онҳо, инчунин маблағи пешпардохти додашуда аз рӯи ҳар як шахси ҳисоботдеҳ (санаи додан, таъиноти мақсаднок) санҷида мешавад.

69. Санҷишгар ҳангоми барӯйхатгирӣ бояд муайян намояд:

-дурустии ҳисобу китобҳо бо бонкҳо, мақомоти молия ва андоз, фондҳои ғайрибуҷетӣ, дигар шахсон, инчунин бо воҳидҳои сохторӣ, ки дар тавозуни алоҳида ҷудо карда шудааст;

-дурустӣ ва асоснокии маблағи қарзҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ аз рӯи камомадҳо ва ғорат;

-дурустӣ ва асоснокии маблағҳои дебиторӣ, кредиторӣ ва қарзҳои депонентӣ, инчунин маблағи қарзҳои дебиторӣ ва кредиторие, ки аз рӯи онҳо мӯҳлати даъво сипарӣ шудааст.

## 11. ХУСУСИЯТИ ГУЗАРОНИДАНИ БАРӮЙХАТГИРИИ АМВОЛИ СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДӢ

70. Ҳангоми гузаронидани барӯйхатгирии амволи соҳибкори инфиродӣ, ки ӯ барои фаъолияти соҳибкорӣ мавриди истифода қарор медиҳад муқаррароти бобҳои 2-11 Тартиби мазкур, татбиқ карда мешавад, агар ҳамин фасл тартиби дигар пешбинӣ накарда бошад.

71. Барӯйхатгирии молу мулке, ки соҳибкорони инфиродӣ бо мақсадҳои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ мавриди истифода қарор медиҳад, дар маҳали амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин дар маҳали ҷойгир будани молу мулк сурат мегирад.

72. Барӯйхатгирии молу мулки соҳибкори инфиродӣ, ки барои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ истифода мебарад, бояд дар ҳузури ӯ гузаронида шавад.

Соҳибкори инфиродӣ бояд барои пурра ва аниқ санҷидани мавҷудияти воқеии молу мулк дар мӯҳлати муқарраршуда шароит муҳайё созад.

73. Молу мулки соҳибкорони инфиродӣ (бидуни гардиши амвол дар рӯзи гузаронидани барӯихатгирӣ) бояд дар Китоби баҳисобгириии даромадҳо ва хароҷот барои соҳибкорони инфиродӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва бақайдгирии баҳисобгирӣ (варақаҳои баҳисобгирӣ), ки мутобиқи муқаррароти тартиби пешбурди баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот ва амалиётҳои хоҷагӣ аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ, ки фаъолияти соҳибкориро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ амалӣ менамоянд пеш бурда шуда, бо ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ тасдиқ карда мешаванд, инъикос гардад.

74. Ба рӯйхат санҷишгар ва соҳибкори инфиродӣ имзо мегузоранд. Дар охири рӯйхат соҳибкорони инфиродӣ дар хусуси дар ҳузури ӯ гузаронидани барӯйхатгирӣ ва мавҷуд набудани ягон арзу дархост ба фаъолияти санҷишгар қайд менамояд.

75. Барасмиятдарории натиҷаҳои барӯйхатгирии молу мулки соҳибкори инфиродӣ мутобиқи боби 12 Тартиби мазкур амалӣ мегардад.

76. Муқаррароти бандҳои 72-77 ба соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти худро тибқи Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба роҳмемонад, тадбиқ карда мешавад.

## 12. ТАРИТИБИ БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ НАТИЧАҲОИ БАРӮЙХАТГИРӢ

77. Натиҷаҳои барӯйхатгирии молу мулки андозсупоранда дар санади санҷиши ҳуҷҷатии андоз инъикос карда мешаванд ва ҳангоми баррасии маводҳои санҷиши андоз ба ҳисоб гирифта мешаванд.

78. Аз рӯи натиҷаи барӯйхатгирии молу мулки андозсупоранда гузаронидашуда,варақаҳои муқоисавӣ оид ба амвол тартиб дода мешавад, ки ҳангоми барӯйхатгирии он тафовут аз маълумотҳои баҳисобгирӣ ошкор шудааст.

79. Дар варақаҳои муқоисавӣ натиҷаи ҳуҷҷатҳои барӯихатгирӣ, яъне фарқияти байни нишондодҳо аз рӯи баҳисобгирии муқоисавӣ ва маълумотҳои рӯихати барӯйхатгирӣ инъикос карда мешавад.

80. Маблағҳои зиёдатӣ ва камомади арзишҳои молию моддии техникӣ дар варақаҳои муқоисавӣ, мутобиқи баҳои онҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ зикр карда мешавад.

81. Барои ба расмият даровардани натиҷаҳои барӯйхатгирӣ,бақайдгирии ягонарометавонтатбиқ намояд, ки дар он нишондиҳандаҳои рӯихатҳои барӯйхатгирӣ ва варақаҳои муқоисавӣ муттаҳид карда шудааст.

82. Ба арзишҳое, ки ба андозсупоранда тааллуқ надорад, аммо дар баҳисобгирии муҳосибӣ дохил карда шудааст (барои нигоҳдории масъул, иҷора, барои аз нав коркард намудан қарор доранд) варақаҳои муқоисавии алоҳида тартиб дода мешаванд.

Варақаи муқоисавӣ метавонад ҳам бо истифодаи воситаҳои техникии ҳисоббарорӣ ва дигар таҷҳизоти коргузорӣ ва ҳам бо таври дастӣ тартиб дода шавад.

83. Тафовути ошкоргардида ҳангоми барӯйхатгирии воқеан мавҷуд будани молу мулк, бо маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ бо тартиби зерин ба танзим дароварда мешавад: воситаҳои асосӣ, арзишоти моддӣ, маблағҳои пулӣ ва дигар амвол, ки барзиёд муайян шудааст, бояд даромад карда шавад ва мутаносибан ба натиҷаи фаъолияти молиявии андозсупоранда гузаронида мешавад.

84. Камомади арзишҳои моддӣ, маблағҳои пулӣ ва дигар молу мулк, инчунин аз меъёр зиёд вайрон шудан ба шахсони гунаҳкор дахл дошта, пурра муайян карда мешавад ва дар ҳолати тасдиқи худро наёфтан бо ҳуҷҷатҳои дахлдор ҳангоми андозбандӣ ҳамчун даромад аз фурӯши маҳсулоти андозсупоранда ба ҳисоб гирифта шуда, мавриди андозбандӣ қарор мегирад.

85. Ба ҳисоб гирифтани барзиёдатӣ ва камомад дар натиҷаи аз нав баҳодиҳӣ метавонад танҳо дар намуди истисно барои худи ҳамон як давраи санҷиш дар худи ҳамон як шахси санҷишгар, нисбати арзишҳои молию моддии худи ҳамон як номгӯи дар шумораи айният (шабеҳ) роҳ дода мешавад.

**Замимаи 1**

Ба Тартиби барӯйхатгирии (инвентаризатсияи) молу мулки андозсупоранда (агенти андоз ба истисноi биноҳои истиқоматӣ) ҳангоми гузаронидани санҷиши андоз

**Амрнома**

аз "___"__________ соли 20__ _____ № ____

____________________________________________

дар бораи гузаронидани барӯйхатгирии амволи ____________________________________________

андозсупоранда ҳангоми санҷиши андоз ____________________________________________ (номи корхона ё ному насаби соҳибкори инфиродӣ)

____________________________________________

(суроғаи ҳуқуқии корхона ё маҳали зисти соҳибкори инфиродӣ, РМА)

Барои гузаронидани барӯйхатгирӣ санҷишгар таъин карда мешавад:____________________________________________

*(мансаб, ному насаб ва номи падар)*

____________________________________________

Мавриди барӯйхатгирӣ қарор дорад. ____________________________________________

*(амвол)*

____________________________________________

*(маҳали ҷойгиршавии он)*

____________________________________________

Ба барӯйхатгирӣ шурӯъ карда шавад ____________________________________________

*(сана)*

ва анҷом дода шавад__________________________

*(сана)*

Сабаби барӯихатгирӣ ____________________________________________

Андозсупоранда

**Замимаи 2**

Ба Тартиби барӯйхатгирии
(инвентаризатсияи) молу мулки
андозсупоранда (агенти андоз ба истисноим
биноҳои истиқоматӣ) ҳангоми гузаронидани
санҷиши андоз

**Санад**
**оид ба гузаронидани**
**барӯйхатгирии молу мулк**
**Варақаи натиҷаҳои ошкоршудаи барӯйхатгирӣ дар**

______________________________________________

*(шахси хукуки, ё ному насаби соҳибкори инфиродӣ, РМА)*

**гузаронидашуда**
**дар давраи аз ___________ то _________с.20__ ба ҳолати ___________с.20__.**
**дар асоси Амрномаи №___ аз _____с.20___**

| Номи ҳисобварақа | Рақами ҳисоб | Натиҷаҳои барӯйхатгирии ошкорнамуда | |
|---|---|---|---|
| | | Камомад (-) | Барзиёд (+) |
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| 1. Воситахои асоси | 01, 03 | | |
| 2. Даромадҳои ғайримоддӣ | 04 | | |
